Тақриз
ба диссертатсияи Убайдуллоева Мавзунахон Азамовна зери унвони “Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои мухталифи забонӣ зарурат ба миён омадааст, ки онҳо дар ҳамбастагӣ бо дигар илмҳо мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Чунин иқдом дар замони муосир саривақтӣ ва манфиатовар буда, метавонад дар муқаррар намудани моҳияти забонии воҳидҳои сатҳҳои гуногуни забон саҳми назаррас дошта бошад. Аз ин ҷиҳат, зарур аст, ки ҳатто одитарин масоили илми забоншиносӣ таҳлилу баррасии худро дар якҷоягӣ ва алоқамандӣ бо дигар масъалаҳои шохаҳои мухталифи илм ёбад.

Диссертатсияи Убайдуллоева М.А. бо номи “Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)” тасдиқи гуфтаҳои боло буда, ба муқаррар намудани мавқеи тавсиф ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар созмони ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Мубрамияти рисола дар он зоҳир мешавад, ки дар он аввалин маротиба кӯшиши муайян намудани санъати тавсиф дар мундаричаи ибораҳои фразеологӣ анҷом дода шудааст ва вобаста ба ин онро метавон дар хати бурриши ду илми ба ҳам наздик – забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ таҳлил намуд. Воқеан, нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ солиёни зиёд аст, ки мавриди таваҷҷуҳи олимони риштаи мазкур қарор гирифтааст ва дар ин самт аллакай асару мақолаҳои ҷолиби илмӣ ба табъ расидаанд. Муқаррар шудааст, ки дар ташаккули сохтор ва маънои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ бештар воситаҳои ташбеҳ, муболиға, истиора, киноя ва тавсиф мақом дошта, онҳо ба тавассути маҷоз, асосан, нақши унсурҳои маъносозро мебозанд. Аз ин ҷост, ки дар дилхоҳ воҳиди фразеологӣ, ки дар он маҷоз ба таври равшан зоҳир шуда бошад, ҳатман ин ё он воситаи тасвири бадеӣ мушоҳида мешавад ва баъзан онҳо дар якҷоягӣ низ ифода

меёбанд. Рангорангии мундаричаи маъной фразеологии ифодаҳои рехтаву устувор маҳз ба иштироки ҳамин гуна воситаҳои муассир иртибот дорад.

Таҳқиқи воҳидҳои фразеологии тавсифӣ дар забони тоҷикӣ аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар мундаричаи онҳо тавсиф мавқеи асосӣ дошта, ин навъи ифодаҳои рехта танҳо дар қолаби ибораҳои исмии изофӣ вомехӯранд. Муаллифи диссертатсия дар такя бо сарчашмаҳои муътамади илмии хориҷӣ ва ватанӣ исбот менамояд, ки тавсифи дар воҳидҳои фразеологӣ хобида тавсифи забонӣ буда, зоҳиршавии он аз тавсифи адабиётшиносӣ бо тарзу усулҳои махсус фарқ дорад. Дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия нишонаҳои хос, қолабҳои сохторӣ, вижагиҳо ва гурӯҳҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ муайян гардида, таъкид мегардад, ки ин қабил ибораҳои рехта дар захираи фразеологии забонамон қабати махсусро ташкил медиҳанд ва ба нишонаҳои махсус соҳибанд. Қолаби онҳо нисбатан сода ва ҳудудаш муайян буда, онҳоро танҳо дар қолаби ибораи изофӣ таҳлил намудан зарар аст, зеро моҳияти забонии тавсиф, ки нишон додани ягон хусусият ё аломати барчастаи ашё ва ҳодиса мебошад, дар қолаби дигар воҳидҳои фразеологӣ намеғунҷад. Дар доираи танҳо як қолаби изофӣ шакл гирифтан, истифодаи калимаҳои хоси ҳиссаҳои муайяни нутқ дар созмони ҷузъҳои таркибии онҳо, ифодаи тобишҳои маъноии мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотӣ дар мундаричаи маъной ва дар қолаби ифодаҳои ғайриидиоматикӣ шакл нагирифтани ибораҳои фразеологии тавсифиро диссертант муайян месозад ва бо мисолҳои фаровон назарияҳои худро исбот месозад. Ҳамчунин зикр мегардад, ки дар ин навъ ибораҳои фразеологӣ бори ифодаи маънӣ баъзан бар дӯши як калимаи таркибӣ ва баъзан ба тамоми ибора гузошта мешавад ва аз ин ҷиҳат онҳоро ба идиомаҳои тавсифӣ ва фраземаҳои тавсифӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф дар диссертатсия мазмуни ягонаи корро инъикос намуда, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи дар ин самт анҷоммеёфта роҳнамои хуби илмӣ шуда метавонанд. Рӯйхати адабиёти

илмӣ сарчашмаҳои муҳимми ба мавзуъ алоқамандро фаро гирифта, назарияҳои бештари онҳо дар ҷараёни исботи андешаҳои илмии муаллифи диссертатсия бамаврид истифода шудаанд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки диссертатсияи Убайдуллоева М.А. зери унвони “Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)” кори илмии баанҷомрасидаву комил буда, ба талаботи навтарини таълифи рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ аст. Бандубасти сохтори диссертатсия, мақолаҳои чопшуда, хулосаҳои илмии бадастомада, тавсияҳои амалии пешниҳодшуда гувоҳи онанд, ки диссертант ба моҳияти мавзуъ хуб ошно буда, онро бо ҳавсалаи том анҷом бахшидааст. Вобаста ба афзалиятҳои зикршуда диссертатсияи Убайдуллоева М.А. зери унвони “Ибораҳои фразеологии тавсифӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) арзанда буда, барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Мушовири илмӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

Имзои Дӯстзода Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

“27” 08 с. 2022